

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2024

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои соли 2024 дар маҷмуъ 52 526,2 млн сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 26,0 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 34,2 фоиз баробар гардид.

Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | 31.12.2024 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Адад | Дороиҳо (млн. сомонӣ) | Ҳисса бо % | Афзоиши дороиҳо нисб. ба соли 2023 (%) |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **65** | **47 478,0** | ***90,4*** | **26,0** |
| ***Бонкҳо*** | ***16*** | ***40 511,5*** | ***77,1*** | ***26,8*** |
| *Бонки давлатӣ* | *2* | *9 816,3* | *18,7* | *17,4* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *328,1* | *0,6* | *34,7* |
| *Бонк бо сармояи хориҷӣ* | *5* | *4 814,6* | *9,2* | *25,4* |
| *Бонкҳои дигар* | *8* | *25 552,6* | *48,6* | *31,1* |
| ***Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ*** | ***1*** | ***233,4*** | ***0,4*** | ***-*** |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***48*** | ***6 733,1*** | ***12,8*** | ***19,8*** |
| *Ташкилоти амонатии қарзии хурд* | *22* | *5 643,7* | *10,7* | *21,7* |
| *Ташкилоти қарзии хурд* | *3* | *299,9* | *0,6* | *12,3* |
| *Фонди қарзии хурд* | *23* | *789,5* | *1,5* | *10,4* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***344*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **16** | **901,5** | **1,7** | **10,5** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **6** | **492,4** | **0,9** | **16,2** |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **АСИН*** | **1** | **3 654,3** | **7,0** | **31,5** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***90,0*** | ***52 526,2*** | | ***26,0*** |
| ***нисбат ба ММД (%)*** | | ***34,2*** | | |

** Маълумот ба ҳолати 30.09.2024.*

Дар давраи ҳисоботӣ 90,4 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (7,0 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)–ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи чоруми соли 2024 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба соли 2023 ба андозаи 26,0 фоиз афзоиш ёфта, ба 47 478,0 млн сомонӣ баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 344 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 575 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 10,5 фоиз зиёд шуда, ба 901,5 млн сомонӣ баробар гардид.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 16,2 фоиз зиёд шуда, 492,4 млн сомониро ташкил намуд.

Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ 3 654,3 млн сомониро ташкил намуд.

[1] Эзоҳ: ҳангоми пешниҳод гардидани маълумот дар бораи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.